Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7)

**ТАҚРИЗ**

**ба автереферати диссертатсияи Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода дар мавзуи «Ташаккули низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди бахши саноат», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Ташаккули низоми барномавии буҷетии мақсаднок барои рушди соҳаи саноат иқдоми муҳимми идоракунии самараноки молияи давлатӣ мебошад, ки ба рушди дарозмуддат ва навсозии соҳаҳои иқтисодиёт нигаронида шудааст. Дар баробари ин дар шароити маҳдуд будани заираҳои молиявию меҳнатӣ, инчунин вазъияти ноустувори иктисодиёт таъмин намудани тақсимоти ҳарчи самарабахши маблағҳои буҷет аҳамияти калон дорад.

Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масоили банақшагирии буҷет чи дар сатҳи ҷумҳурӣ ва чи дар сатҳи бахшҳои иқтисодӣ, аз ҷумла корхонаҳои саноатӣ ҳамчун масъалаи мубрами воридсозии ислоҳот ба бахши молияи кишвар гардидааст. Буҷети барномавӣ имкон медиҳад, ки захираҳо ба лоиҳаҳои асосӣ равона карда шаванд, ки ба ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии бахши саноат мусоидат мекунад. Аз ин лиҳоз метавон бо боварии комил иброз намуд, ки мавзӯи диссератсия мубрам мебошад.

Дар автореферати рисолаи номзадии барои тақриз пешниҳодшуда, масъалаҳои назариявӣ ва амалии ташаккули низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди бахши саноат, таҳлили ҳолат ва тамоюли буҷетикунонии ҳадафманди рушди бахши саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои афзалиятноки буҷетикунонии барномавию ҳадафманди бахши саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу барраси гардида хулосаҳои мушаххаси лозимӣ пешниҳод карда шудааст.

Ақидаи муаллиф оид ба мавҷудияти равандҳои иқтисодӣ бо печидагиҳои ҷаҳонишавӣ ва афзалдонии равандҳои гуногуни идоракунӣ дар бахшҳои иқтисодӣ, ки ҳамчун заминаи рушд ва дурустии ба роҳ мондани равандҳои молиявиву буҷетикунонӣ буда, тавассути фаъолияти ниҳодҳои молиявӣ ва банақшагирии захираҳои молиявӣ ба рушди умумии иқтисодиёт мусоидат мекунад, дорои аҳамияти назариявию илмӣ мебошад. (Саҳ. 14)

Дар афтореферати таҳқиқоти диссератсионӣ муаллиф амсилаи афзалиятҳои рушди системаи буҷетикунонӣ дар пояи буҷетикунонии барномавию ҳадафмандро пешниҳод карда аст, ки аҳамияти илмиву назариявии таҳқиқотро пурра гардонидааст (саҳ. 17).

Саҳми муҳими дигари муаллиф ин коркарди модели таснифот ва гурӯҳбандии тавсифии барномаҳои ҳадафманд ва мақсади умумии онҳо мебошад, ки мақсади асосии буҷетикунонии барномавӣ ва ноил гардидан ба ҳадафҳои ниҳоии стратегии барномаҳоро муайян менамояд (саҳ. 20-21).

Шиносоӣ бо мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсияи тақризшаванда нишон медиҳад, ки унвонҷӯ дорои дониши васеи назариявӣ ва амалӣ буда, ҷиҳати илмӣ ва амалии мавзуро ниҳоят муфассал нишон додааст. Таҳлили васеъи маълумотҳо ба тадқиқотчӣ имконият додааст, ки дар автореферат хулосаҳои илман асоснокро пешниҳоад намояд. Натиҷаҳои асосии тадқиқоти илмӣ дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шуда, дар конфренесияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ ироа гардидаанд.

Дар баробари бартариятҳои зиёди автореферати диссертатсия баъзе тавсияҳоеро пешниҳод намудан мумкин аст:

1. Дар автореферат оид ба таҳлили санадҳои меъёриву ҳуқуқии таъсиррасони буҷетикунонии барномавӣ диққати махсус дода мешуд, хуб буд

2. Тарзи ифодаи кор тавассути модели интегралӣ дар автореферат таҷассум карда нашуда аст.

Пешниҳодҳои мо хусусияти тавсиявӣ дошта, ба сифати рисолаи илмии анҷомдодашуда таъсири манфӣ намерасонанд.

Новобаста аз ин қайд кардан зарур аст, ки автореферати диссертатсияи Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода дар мазуи «Ташаккули низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди бахши саноат», ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ҳанифаи Э.А. диссертант сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Муқарриз: муовини ректор оид ба илми ДДД**
**доктори илмҳои иқтисодӣ., дотсент Қодирзода Хуршед Қодир**

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон н.Данғара,
кӯчаи Марказӣ 25, Б3/301. Донишгоҳи давлатии Данғара.
Телефон: (+992) 934348558
E-mail: Andoz-73@mail.ru

**Имзои Қодирзода Хуршед Қодир-ро тасдиқ мекунам**

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус Тоирзода С.Т**

ШУЪБАИ КАДРҲО
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА

02.05.2025